# Мавзӯи 9: Ҷанбаҳои ташкилию ҳуқуқии иқтисоди рақамӣ

## Мазмун ва моҳияти иқтисоди рақамӣ

Ҷаҳони имрӯзаро падидаҳои нав фаро гирифтаанд, ки таҳти назар қарор додани онҳо барои пешравии давлату миллат ниҳоят муҳим мебошад. Яке аз ин падидаҳои нав иқтисоди рақамӣ мебошад, ки доир ба он дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин зикр шудааст: "Бо дарназардошти равандҳои муосир, мо бояд корро ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва дар соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ҷорӣ кардани технологияҳои рақамӣ вусъат бахшем"[1].

Иқтисоди рақамӣ воқеан ҳам дар асоси истифодаи технологияҳои рақамӣ ва ташаббусҳои эҷодкорона ба вуҷуд меояд. Яъне, фаъолияти иқтисодӣ тавассути технологияҳои рақамӣ ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҷараён хизматрасониҳои электронӣ, «мол»- ҳои электронӣ дар тиҷорат васеъ ба роҳ монда мешаванд. Ҳамзамон гардиши маблағҳо тавассути воситаҳои электронӣ ба роҳ монда мешаванд, ки омили муҳимтарини тиҷорати электронӣ мегарданд.

Ба вуҷуд овардани иқтисоди рақамӣ на танҳо ба савдо рабт дорад, он инчунин дар соҳаҳои алоҳида: маориф, тандурустӣ, бонкдорӣ, суғуртавӣ, боркашонӣ ва ғайра низ татбиқпазир аст. Масалан, ба роҳ мондани таълимоти фосилавӣ, ташкил намудани фаъолияти меҳнатӣ дар ташкилотҳо бо кормандони фосилавӣ, баргузор намудани музоядаҳои электронӣ ва ғайра.

Ҳангоми рушди иқтисоди рақамӣ якчанд бартариятҳоро мушоҳида кардан мумкин аст (сарфаи вақт, дастрасӣ ба иттилоот доир ба молу маҳсулот, шаффофият, мониторинг ва ғ.).

**Сарфа шудани вақт.** Ҳангоми дар иқтисодиёт истифода кардани технологияҳо пеш аз ҳама вақт сарфа мегардад. Вақт дар иқтисод нақши муҳим дорад. Ҳамаи ҷараёнҳои иқтисодӣ бо вақт алоқамандии зич доранд. Масалан, он кореро, ки инсон дар як рӯз анҷом медиҳад, технология метавонад дар як соат анҷом диҳад. Ҳамзамон технологияҳои ҳозиразамон ҳатто дар бораи ҳар як ҷузъиёти истеҳсолот ва хизматрасонӣ маълумоти дақиқ дода метавонанд. Ин гуна маълумотҳо барои банақшагирӣ ва баровардани қарори дуруст шароит фароҳам меорад. Масалан, сайтҳои мақомоти давлатӣ имкон фароҳам меоранд, ки дар бораи масъалаҳои гуногун (барқ, об, партовҳо ва ғайра) сари вақт маълумот ба онҳо расонида шавад.

**Сарфа шудани маводҳои истеҳсолӣ.** Ҳангоми истифодаи технологияи рақамӣ дар иқтисодиёт натанҳо вақт, инчунин маводҳо низ зиёд сарфа мешаванд. Масалан,

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 10.02.2019).

ҳангоми коргузории электронӣ дар ташкилот имкон дорад, ки қисми зиёди хароҷотҳо доир ба коғаз, ранг, мубодилаи ҳуҷҷатҳо сарфа гарданд. Ҳамзамон технологияҳои рақамӣ дақиқ муайян мекунанд, ки кадом миқдор маҳсулот барои истеҳсолот зарур аст, саҳми ҳар корманд дар корхона чӣ қадар аст ва ғайра.

Сарфа шудани қувваи корӣ (ба вуҷуд омадани ҷойҳои кории нав). Аллакай дар бисёр ташкилотҳо вазифаи котиб ихтисор шуда истодааст. Зеро, ҳар корманд бевосита худаш маводҳои заруририро чоп менамояд. Ҳамзамон ҳангоми мубодилаи ҳуҷҷатҳо нафари алоҳида зарур нест. Инчунин корҳои хазиначӣ, муҳосибот ва дигар мутахассисон низ осон гаштааст. Масалан, тавассути барномаҳои махсуси муҳосиботӣ тамоми ҳисобу китоби даромад ва хароҷот дар як барнома ҷойгир шудааст. Яъне, зарурат ба шумораи зиёди кормандон дар бахши муҳосибот аз байн меравад. Ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ пайдо мешаванд. Масалан, айни ҳол кормандони шабакавӣ қариб дар тамоми ташкилотҳо барои ба низом овардани шабакаҳои дохилию берунии ташкилотҳо зарур мебошанд. Онҳо барои ба низом овардани коргузории электронии ташкилот мусоидат менамоянд.

**Ба вуҷуд омадани шаффофият.** Ҳангоми истифодаи технологияҳои рақамӣ дар идоракунии фаъолияти корӣ, шаффофият низ ба вуҷуд меояд. Роҳбарият метавонад тамоми бурду бохти фаъолияти ташкилотро тавассути барномаи зарурии хоси ташкилот таҳти назорати худ қарор диҳад. Масалан, дар донишгоҳ маъмурият тавассути технологияҳои рақамӣ метавонад давомоти донишҷӯёнро дар дарс назорат намояд, сифати дарсгузарии устодонро мушоҳида намояд ва ғайра.

**Барои мониторинг ва таҳлил шароит ба вуҷуд меояд.** Ҳангоми муомилоти молу маҳсулот тавассути технологияҳо нишондодҳо барои омма дастрас мегарданд. Омӯзиши бозор осон мегардад. Тавассути омӯзиши бозор ва талабот маҳсулоти зарурӣ метавонад омода гардад.

**Рушд намудани моликияти зеҳнӣ.** Дар иқтисодиёти рақамӣ нақши калидиро моликияти зеҳнӣ мебозад. Аз як тараф эҷодкорон барномаҳои электронии махсуси худро омода карда ба бозор мебароранд, аз тарафи дигар рақобат дар ин соҳа зиёд мегардад. Масалан, дар Playmarket алакай барномаҳои гуногуни ватанӣ ҷойгир шудааст (Ёрии ҳуқуқии ман, БДА- ҷаримаҳо, ECCE бо забони тоҷикӣ ва ғайра).

Беҳтар шудани муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии дохилию хориҷӣ. Истифодаи технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки муоширати инсоният дар дилхоҳ макон ва замон ба осонӣ сурат гирад. Дар ин ҷараён хароҷотҳои алоқавӣ сарфа мешаванд, баъдан тавассути технологияҳо маблағҳои заруриро хусусан муҳоҷирон ба хонаводаашон мерасонанд. Тоҷирон ҳатто ба бозор ташриф наоварда, молро тавассути технология аз назар мегузаронанд.

**Босуръат афзоиш намудани тиҷорат ва гардиши мол.** Технология воситаи осонтарин ва арзонтарини рекламаи молу маҳсулот аст. Яъне, шарт нест молу маҳсулот дар бозор бошад, муҳим он ки дар сомонаҳои рекламавӣ (масалан,

дар сомонаи somon.tj) тамоми маълумоти молу маҳсулот гузошта мешавад ва ин имкон медиҳад, ки савдо ва тиҷорат рушд ёбад.

Омилҳои номбаршуда охирин нестанд, зеро технологияи рақамӣ мисли рақам имкониятҳои беохир дорад. Дар ин ҷода ташаббускоронро зарур аст, ки ба таҳлили масъалаҳои воқеӣ ва зарурӣ машғул шаванд ва техонологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро рушд дода, онро дар тамоми соҳаҳои ҳаёт пайванд намуда, самаранок истифода баранд. Аз тарафи дигар ҳар соҳибкасб метавонад аз ин технологияҳо истифода бурда, ба истеҳсолот ва эҷодиётҳои нав машғул гардад.

**Асосҳои ҳуқуқии ташкили иқтисоди рақамӣ**

Дар рушди иқтисоди рақамӣ нақши калидиро давлат мебозад. Зеро, тамоми масъалаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоии марбут ба иқтисоди рақамиро ба таври устувор давлат метавонад ба низом дароварад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар ин ҷараён мақомоти давлатӣ ба самтҳои зерин аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд:

танзими ҳуқуқӣ;

омода кардани мутахассисон;

баланд бардоштани маърифати технологӣ;

гузаронидани тадқиқотҳои соҳавӣ;

ташкил намудани инфрасохтори технологӣ;

ташкил намудани инфрасохтори иттилоотӣ;

таъмини амнияти иттилоотӣ ва ғ.

Дар ин ҷараён яке аз муҳимтарин бахшҳо, ҷанбаи ҳуқуқии масъала мебошад, ки қонунгузор барои рушди иқтисоди рақамӣ бояд шароити мусоид фароҳам оварад. Таҷрибаи қонунгузории давлатҳои пешрафта нишон медиҳад, ки баҳри рушди иқтисоди рақамӣ имтиёзҳои андозию гумрукӣ, бақайдгирию ташкилӣ ба роҳ монда мешавад. Инчунин маҳдудиятҳои беасосе, ки боиси косташавии иқтисодиёт мегардад аз байн бурда мешавад. Ҳамин тариқ бо қонун низоми иқтисодӣ муайян ва идора карда мешавад. Ва ин усул дар давраи ҳозира, ки онро давраи рушди иқтисоди рақамӣ арзёбӣ менамоянд, қобили татбиқ аст.

Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз «30» декабри соли 2019, №642 тасдиқ шудааст. Консепсия гузариши муттасили марҳила ба марҳиларо ба амалисозии дурнамои табодули рақамӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ менамояд. Дар аввал се марҳила то соли 2040 ба нақша гирифта мешавад. Марҳилаи якум то соли 2025, марҳилаи дуюм то соли 2030 ва марҳилаи сеюм то соли 2040.

Дар Консепсияи мазкур самтҳои гуногуне (тиб, маориф, кишоварзӣ, экология ва ғайра) пешбинӣ шудаанд, ки оянда бояд дар онҳо истифодаи технологияҳои рақамӣ бо таври зарурӣ истифода гардад.

Ҳамзамон бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июни соли 2020, №370 Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи иқтисоди рақамӣ муайян карда шудааст.

Инчунин дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26 январи соли 2021 чунин пешбинӣ гардидааст "Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани "ҳукумати электронӣ" ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд".

Ҳамзамон ғайр аз санадҳои дар боло зикршуда, ки хусусияти ташкилӣ, роҳбарикунанда ва сиёсӣ доранд, инчунин Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе заминаҳои танзими ҳуқуқии иқтисодиёти рақамӣ вуҷуд дорад. Зеро, тамоми он қонунҳое, ки муносибатҳои иқтисодиро ба танзим меоранд дар ин самт низ татбиқпазир мебошанд.

Масалан, тибқи моддаи 1 Кодекси меҳнат "кори фосилавӣ (дистансионӣ) - шакли махсуси амалӣ намудани раванди меҳнат берун аз маҳалли ҷойгиршавии корфармо бо истифодаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар раванди кор" мебошад.

Дар боби 23-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба шароити меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд ва баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд, муқаррар шудааст.

Тибқи моддаи 256-и КМ ҶТ корфармо ба корманд воситаҳои коммуникатсионӣ (воситаҳои алоқа) пешниҳод намуда, хароҷоти пайвасткунӣ ва хизматрасонии онро ба зимма мегирад. Дар ҳолатҳое, ки корманд воситаҳои коммуникатсионии худро доимо истифода мебарад, корфармо онро ҷуброн менамояд. Ҳаҷм ва тартиби пардохти он бо розигии корманд муқаррар карда мешаванд. Бо розигии тарафҳо корфармо метавонад, ба корманди фосилавӣ (дистансионӣ) дигар хароҷотҳоро вобаста ба иҷрои кор (маблағи қувваи барқ, таҷҳизот ва дигарҳо) пардохт намояд.

Ҳамзамон тибқи моддаи 257-и барои кормандони ба кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда меъёри давомнокии вақти корӣ ва вақти истироҳати бо Кодекси мазкур муқаррааргардида татбиқ мегардад. Баҳисобгирии вақти корӣ барои кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда ва хусусияти

назорати риояи реҷаи вақти корӣ, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва риояи ин шартҳо бо шартномаи меҳнатӣ муайян карда мешаванд.

Инчунин тарафҳо метавонанд, ки доир ба дигар ҷузъиётҳои кори фосилавӣ дар шартномаи меҳнатӣ шартҳои хосаро пешбинӣ намоянд.

Аз муқаррароти зикршуда чунин бар меояд, ки қонунгузор тафовути байни корманди "муқаррарӣ" ва "фосилавӣ" намегузорад. Баръакс, қонунгузор корфарморо вазифадор кардааст, ки тамоми чораҳоро доир ба таъмини имконияти корӣ ва бехатарӣ барои корманди фосилавӣ андешад. Ин имконияте, ки қонун фароҳам овард, бозори кориро аз ду ҷиҳат вусъат медиҳад:

**1)** ҳамватанони мо новобаста аз макон ва замон метавонанд, ки дар самтҳои гуногун фаъолият варзанд, хусусан метавонанд, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ карда, тавассути интернет дар бозори меҳнати дигар давлатҳо кор намоянд;

**2)** корфармоҳои ватанӣ мутахассисони хориҷиро дар соҳаҳои гуногуни иқтисод метавонанд ба фаъолияти меҳнатӣ тавассути интернет ҷалб намоянд.

Алабатта, чунин имкон пеш ҳам вуҷуд дошт, аммо бинобар набудани муқаррароти қонун, масъулини бахши кадрҳо барои расмӣ намудани шартномаҳо, пур кардани табелҳо, пешниҳоди рухсатии меҳнатӣ ва пардохти он душворӣ мекашиданд. Масалан, корфармо ба шаҳрванд И. Ҷ. барои кори фосилавиаш дар давоми ҳашт соли меҳнатиаш рухсатии меҳнатӣ пешниҳод накард. Корфармо чунин тасаввурот дошт, ки вақте корманд дар ҷойи кор нест пас ба ӯ рухсатии меҳнатӣ додан маъно надорад. Аммо суд ҳолатҳои корро ба инобат гирифта, новобаста аз он, ки корманд дар ҷойи кор воқеан набуд, аммо ба таври фосилавӣ супоришҳои корфарморо иҷро мекард, корфарморо вазифадор кард, ки барои ҳаштсола пешниҳод накардани рухсатии меҳнатӣ ба корманд ҷуброн пешниҳод намояд .

Муқаррароти боби 23-и КМ ҶТ барои ҳам корфармо ва ҳам корманд шароит ба вуҷуд овард. Татбиқи муқаррароти КМ ҶТ дар бораи кормандони фосилавӣ, албатта нозукиҳои худро доро аст. Пеш аз ҳама маҳсулнокии он бояд мадди назар бошад. Яъне, корманд ва корфармо бояд дар бораи натиҷаи кор мувоҷеҳ бошанд. Корфармо онро дар шакл ва ҳаҷми мувофиқ бояд пазироӣ карда тавонад. Дар таҷриба корманд корҳои бо таври фосилавӣ анҷомнамудаашро дар шакли ҳисобот ҳар моҳ пешниҳод менамояд ва корфармо тавассути воситаҳои техникӣ ҷараёни фаъолияти корманди фосилавиро назорат менамояд. Умуман пазироии кор ва назорати он аз хусусияти ҳар намуди кор вобаста аст, ки он пеш аз ҳама дар шартномаи меҳнатӣ муқаррар мегардад. Ҳамин тариқ бозори меҳнат дар шакли истифода аз воситаҳои электронӣ васеъ мегардад.

Оянда дафтарчаҳои меҳнатӣ низ ба шакли электронӣ гузаронида мешаванд. Дар Русия аллакай иқдом гирифта шудааст, ки сабти маълумотҳои дафтарчаи меҳнатӣ дар шакли электронӣ пеш бурда шавад. Чунин тарзи кор барои дуруст ва муттамарказ сабт намудани дафтарчаҳои меҳнатӣ сабабгор мешавад.

Дигар имконоти истифодаи воситаҳои электронӣ дар идоракунии замонавии шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Ҳангоми идоракунии корпоративии шахсони ҳуқуқӣ истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ мақсаднок мебошад. Масалан, ҷаласаҳои идоракунӣ метавонанд бо тариқи фосилавӣ (онлайн) гузаронида шаванд. Маҳз ба ҳамин хотир вақтҳои охир дар оиннома ва низомномаҳои шахсони ҳуқуқӣ муқаррар карда мешавад, ки ҷаласаҳои муассисон, шӯрои директорон ва дигар ҷаласаҳои маъмурият метавонад бо тариқи фосилавӣ гузаронида шавад.

Масъалаи дигари мавриди таваҷҷӯҳ ин ба вуҷуд овардани майдонҳои савдои (бозорҳои) электронӣ, музоядаҳои электронӣ, муомилотҳои электронӣ ва ғайра мебошад.

Мафҳуми бозор дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба маъноҳои гуногун пешбинӣ гардидааст. Дар сарчашмаҳо чунин мафҳумҳо оварда шудааст: Бозор - институт ё механизме, ки харидорон ва фурӯшандагони молҳо ва хизматҳоро рӯ ба рӯ мекунад[2].

Агар ба мафҳумҳои дар адабиётҳо ва қонунгузорӣ мавҷудбуда назар намоем, аввалан бояд аломатҳои аз лиҳози ҳуқуқӣ муҳими марбут ба бозорро муайян намоем. Ин аломатҳо ба назари мо чунинанд:

комплекси молумулкӣ;

мақсад - ташкили муомилоти савдо;

қайди давлатӣ доштани бозор.

Дар ин радиф як масъаларо бояд қайд кард, ки бозорро ҳамчун комплекси молумулкӣ маҳз бо қитъаи замин пайвандӣ медиҳанд. Аммо мафҳуми “бозори электронӣ” -ро мутахассисон ҳамчун “фазои маҷозӣ, ки дар он харидор бо фурӯшанда вохӯрда муомилот анҷом медиҳанд” таъриф менамоянд[3].

Агар хусусиятҳои байни мафҳумҳоро роҷеъ ба бозори “анъанавӣ” ва бозори электронӣ мушоҳида намоем, пас ду тафовути асосӣ ба назар мерасад: 1) бозори электронӣ хусусияти фазои маҷозӣ дорад, он тавассути сайтҳо амалӣ мегардад; 2) бозорҳои электронӣ ба таври муқаррарӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқ ба қайд гирифта намешаванд, онҳо метавонанд дар заминаи як сайти муайян ба вуҷуд ояд, ки шояд соҳиби он берун аз Тоҷикистон бошад.

Яъне, аз се аломате, ки ба бозори анъанавӣ мутаалиқ аст, яке аз онҳо (қайди давлатӣ доштан) на ҳамеша ба бозорҳои электронӣ метавонад марбут бошанд. Аммо агар субъект дар Тоҷикистон фаъолият намуда, бозори электронӣ ташкил намояд (яъне ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад), пас ҳатман бояд аз қайди давлатӣ гузарад.

---

[2] Сангинов Д. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ. – Душанбе, 2013. – С. 25.
[3] Бозори электронӣ.- Реҷаи дастрасӣ: http://mrmarker.ru/p/page.php?id=7904 (санаи муроҷиат: 09.06. 2018).

Аз ҳамин лиҳоз ҳуқуқшиносон ба бозор на танаҳо аз лиҳози ҷойи муомилот, балки аз лиҳози ба амал омадани муносибатҳои ҳуқуқӣ (муомилоти гражданӣ) аҳамият медиҳанд. Барои муносибатҳои ҳуқуқӣ бештар тавассути унсурҳои он аҳамият дорад. Барои ҳамин ҳам омӯзиши чунин муносибатҳо дар шароити рушди бозорҳои электронӣ муҳимтар мегардад. Масалан, дар Pleymarket харидорон ва фурӯшандаҳои моликияти зеҳнӣ, хусусан барномаҳои компютерӣ дар муомилоти гражданӣ мебошанд. Чуноне дар боло зикр кардем, дар он ҳамватанони мо низ фаъоланд. Барои ҳуқуқ маҳз ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои муомилот ва иҷрою риояи онҳо муҳим аст, на он ки он муомилот дар кадом бозор ба вуҷуд омадааст.

Дигар мафҳуме, ки бештар дар адабиётҳо истифода мешавад майдонҳои муомилоти электронӣ, интернет- мағоза (торговые площадки, интернет- магазин) мебошад[4] . Майдонҳои тиҷоратии электронӣ сайте мебошанд, ки дар он ҳар ташрифоваранда метавонад ҷой барои ҷойгиронии иттилооти тиҷоратии худ пайдо намояд ва ба ҳамин минвол бо дигар субъектон ба муомилоти тиҷоратӣ пайвандад. Масалан, агар ба портали хариди электронии Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон назар намоем, он ба майдони муомилоти электронӣ шабоҳат дорад [5].

Доир ба ин масъала ҳанӯз дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 чунин зикр шуда буд: “Барои сарфакорона ва мақсаднок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ҳангоми хариди давлатӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ дар ин самт зарур аст, ки низоми хариди электронии молу маҳсулот бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ҷорӣ карда шавад”. Ҳамзамон дар ҳамин замина бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №759 Барномаи хариди электронӣ барои солҳои 2013-2015 қабул гардид.

Ин санадҳо замина гузоштанд, ки харидҳои давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ тадриҷан дар шакли электронӣ сурат гиранд.

Агар ба ҳисоботҳои солҳои 2015, 2016 ва 2017 Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ назар намоем, дар он болоравии сатҳ ва сифати муомилоти электрониро мушоҳида кардан мумкин аст.

Масалан, соли 2017 “тавассути низоми хариди электронӣ 2739 дархости ташкилотҳои харидор (ҳам “соҳибихтисос” ва ҳам “ғайрисоҳибихтисос”) ба маблағи 1 011 924 956 сомонӣ мавриди расмиёти хариди давлатӣ қарор дода шуда, дар натиҷа ба маблағи умумии 941 394 506 сомонӣ тавсияҳо барои бастани қарордодҳо пешниҳод карда шудаанд. Сарфаи умумии маблағҳои давлатӣ тавассути низоми хариди электронӣ 70 530 450 сомонӣ ва меъёри фоизии сарфа 6,97 фоизро ташкил дода, нисбати соли 2016 ба андозаи 58 888 748 сомонӣ афзоиш

---

[4] Жарова А.К., Елин В.М., Демьянец М.В. Предпринимательская деятельность в сети интернет. – М., 2014. – С. 108-123.

[5] Феҳристи фармоишҳои электронӣ. – Реҷаи дастрасӣ: http://test.zakupki.gov.tj/tj/reestr-zakazov-v-elektronnoy-forme/ (санаи муроҷиат: 09.06. 2018).

ёфтааст. Миқдори молрасонон ва молистеҳсолкунандагони дар Портали ягонаи хариди давлатӣ бақайдгирифташуда аз 413 адад ба ҳолати аввали соли 2017 то 1077 адад ба ҳолати 31 декабри соли 2017 расонида шуд, яъне миқдори иштирокчиёни эҳтимолии озмунҳои электронӣ дар давраи сипаригашта ба андозаи 260 фоиз афзуд. Маврид ба зикр аст, ки барои бақайдгирӣ ва фаъолият дар Портал дар соли 2017 инчунин ширкатҳои хориҷӣ муроҷиат намуда, 15 ширкат аз Федератсияи Русия, ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Аморати Муттаҳидаи Араб, Бритониёи Кабир ва ИМА ба қайд гирифта шуда, инчунин таҳвилгарони хориҷии дасти аввал бо пешниҳоди тендерии ҷолиб ҷалб карда мешаванд”[6].

Ҳамзамон барои рушди тиҷорат аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо портали www.tajtrade.tj таъсис дода шуд. Дар портали мазкур маълумотҳои зарурӣ доир ба расмиёти содирот ва воридоти молу маҳсулот барои тоҷирон ва дигар иштирокчиёни бозор ба таври содда пешниҳод карда шудааст.

Дар майдонҳои савдои электронӣ супоришдиҳанда ва харидор метавонанд масъалаҳои гуногуни марбут ба муомилоти тиҷоратиро ҳаллу фасл намоянд. Майдонҳои савдои электронӣ вазифаҳои зеринро иҷро менамоянд:

Вазифаи иттилоотӣ доранд, ки доир ба намуди кору, молу хизматрасонии ташкилот ба омма маълумот мерасонанд;

Тавассути он баргузор намудани маркетинг ниҳоят осон аст, зеро дар он ҷустуҷӯи харидорону фурӯшандагони молу маҳсулотҳои муайян осон аст. Инчунин муайян карда мешавад, ки ба кадом намуди молу маҳсулот талабот зиёд аст.

Вазифаи рекламавӣ доранд. Вақте ташкилот доир ба молаш дар майдони савдои электронӣ маълумот ҷойгир менамояд, пас он бе заҳмати зиёд дастраси умум мегардад.

Ташкилкунандагони савдоҳо ва музоядаҳо маҷмӯи амалҳои хариду фурӯшро дар майдонҳои савдои электронӣ анҷом медиҳанд.

Майдонҳои савдои электронӣ имконият медиҳанд, ки таҳлили муқоисавӣ ҷиҳати масъалаҳои гуногуни тиҷорат ба анҷом расонида шавад.

Истифодаи имзои электронӣ дар майдонҳои савдои электронӣ имконият медиҳад, ки амалиётҳо ва сирҳои тиҷоратӣ махфӣ нигоҳ дошта шаванд[7].

Дар дохили майдонҳои савдои электронӣ савдоҳо ва музоядаҳои электронӣ баргузор карда мешаванд. Ташкили майдонҳои савдои электронӣ ва тавассути он баргузор намудани музоядаҳо ва савдоҳою харидҳо пеш аз ҳама шаффоф

---

[6] Ҳисоботи соли 2017 Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://zakupki.gov.tj/tj/about/governance/isobot/ ( санаи муроҷиат: 09. 06. 2018).
[7] Электронная торговая площадка . – Реҷаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%AD%D0%BB%D0%B5%D0%BA%D1%82%D1%80%D0%BE%D0%BD%D0%BD%D0%B0%D1%8F_%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B3%D0%BE%D0%B2%D0%B0%D1%8F_%D0%BF%D0%BB%D0%BE%D1%89%D0%B0%D0%B4%D0%BA%D0%B0 (санаи муроҷиат: 5. 03. 2019).

мегузаранд ва таҳти назорати натанҳо мақомоти давлатӣ, инчунин ҷамъият қарор мегирад[8].

Майдонҳои савдои электронӣ аз интернет-мағозаҳо баъзе фарқиятҳо доранд. Дар интернет-мағозаҳо асосан харидорон тавассути шартномаи ҳамроҳшавӣ молу маҳсулотро харид менамояд. Дар майдонҳои савдои электронӣ ташкилкунандаи савдо бо тартиби муайян савдоро ташкил менамояд ва интизори харидори мувофиқ мегардад.

Майдонҳои савдои электронӣ гуногун мешаванд. Ҳангоми танзими ҳуқуқӣ ба намудҳои зерини он маъмулан аҳамият дода мешавад:

Майдонҳои савдои электронии молу кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

Майдонҳои савдои электронӣ барои фурӯши молу мулки қарздорон дар чараёни муфлисшавӣ;

Майдонҳои савдои электронӣ ҳангоми хусусигардонии моликияти давлатӣ;

Майдонҳои савдои электронӣ барои харидҳои ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳое, ки дар он саҳми давлат аз 50 % зиёд аст.

Доир ба намуди якуми майдонҳои савдои электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе корҳо анҷом шудааст. Масалан, дар сайти http://zakupki.gov.tj унсурҳои хоси майдонҳои савдои электрониро дида метавонем, зеро дар он шарту шароитҳо барои амалӣ намудани хариду фурӯш барои эҳтиёҷоти давлатӣ пешбинӣ карда шудааст. Аммо чунин ба назар мерасад, ки он ҳанӯз ниёз ба такмил ва ташвиқу тарғибот дорад. Дар моддаи 30 Қонуни ҶТ “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ”[9] аз соли 2006 чунин пешбинӣ гардидааст: Хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ метавонад бо истифодаи мубодилаи электронии маълумот байни ташкилоти харидор ва молрасон (пудратчӣ) анҷом дода шавад. Истифодаи ин усули хариди давлатӣ танҳо ҳангоми таъмини аслият, эътимоднокӣ ва махфияти маълумот иҷозат дода мешавад. Усули хариди электронӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Моддаи мазкур 3 масъаларо пешбинӣ намудааст: **1)** харидору фурӯшанда метавонанд, ҳангоми муомилот аз воситаҳои электронӣ истифода намояд; **2)** дар ин чараён бояд аслият ва махфияти маълумот таъмин бошад; **3)** усули хариди электронӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

---

[8] Лунева Е.В., Сафин З.Ф. Обязательные электронные торги в Российской Федерации: проблемы правового регулирования. – Реҷаи дастрасӣ: http://xn----7sbbaj7auwnffhk.xn--p1ai/article/28446 (санаи муроҷиат: 5. 03. 2019).

[9] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №3 мод.158

Ҳамзамон Портали амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[10] ташкил шудааст, ки он қисман вазифаи майдони савдои электронӣ барои хусусигардонии моликияти давлатиро иҷро менамояд. Дар сайти мазкур мо маълумот дар бораи музояда вобаста ба амволи давлатиро мушоҳида менамоем. Масалан, дар сайти мазкур чунин оварда шудааст[11]:

***Номи амвол:*** Воситаҳои асосие, ки ҳамчун моликияти давлатӣ (толори варзишӣ, бунгоҳи тиббӣ ва комбинати таълимӣ) дар тавозуни собиқ Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Сирандуд» (ҳозира ҶДММ КМ ТТ «Тоҷпроф»)

***Таърихи баргузории музояда:*** (2019-04-03)

***Намуди амвол:*** Иншооти ғайриманқул

***Маълумоти мухтасар дар бораи амвол бо аксҳо:***

***Суроға:*** шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 3

***Масоҳат:*** Масоҳати умумӣ 621,7 $М^2$

***Нархи ибтидоӣ:*** 120 000 сомонӣ.



[10] Портали амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://molikiyat.tj/index.php?page=page&id=31 (санаи муроҷиат: 23.03. 2019).

[11] Портали амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.muzoyada-kvd.tj/index.php/tj/muzoyada-va-ozmun-o/19-inshoot-oi-ajriman-ul/1263-v-v-58p5-2pm (санаи муроҷиат: 23.03. 2019).



Қобили зикр аст, ки нақши низомномаҳои соҳавӣ дар ин ҷараён ниҳоят муҳим аст. Масалан, дар Низомномаи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо, ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 № 188, аз 5.12.2013 № 577 тасдиқ шудааст, чунин зикр шудааст: "Хабари иттилоотӣ оид ба гузаронидани музояда барои фурӯши воситаҳои асосии манқули давлатӣ (воситаҳои нақлиётӣ ва механизмҳо, таҷҳизоту воситаҳои компютерӣ, мебелу инвентар ва дигар воситаҳои манқул), амволи ҳабсгардида, ба фоидаи давлат мусодирагардида, пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга як маротиба на дертар аз 15 рӯзи тақвимӣ то санаи гузаронидани музояда дар яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ нашр мегардад, инчунин дар сомонаи интернетии фурӯшанда ё ташкилотчии музояда ҷойгир карда мешавад.

Хабари иттилоотӣ оид ба фурӯши саҳмияҳои давлатӣ, иншооти ғайриманқул, иншооти сохтмони нотамом бо забони давлатӣ ё забони русӣ дар яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ чоп мегардад, инчунин дар сомонаи интернетии фурӯшанда ё ташкилотчии музояда ҷойгир карда мешавад [12]. Чуноне мебинем дар санади мазкур сухан танҳо дар бораи ба тариқи электронӣ паҳн намудани эълон доир ба музояда меравад. Боқимонда ҷараёни музояда ба тариқи анъанавӣ сурат мегирад. Барои фаъол кардани иқтисоди рақамӣ зарур аст, ки самтҳои гуногун ба низоми электронӣ гузаранд, аз ҷумла бақайдгирии субъектҳо ва иҷозатномадиҳӣ.

Доир ба бақайдгирии электронии соҳибкорон мақомоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле фаъол мебошад. Онҳо дар портали худ "Тартиби бо реҷаи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро омода карда, мавриди амал қарор

---

[12] Низомномаи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо(Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 № 188, аз 5.12.2013 № 577).

дода истодаанд[13]. Таҳлили тартиби мазкур нишон медиҳад, ки он тавсифи техникии модули кор бо ҳуҷҷатҳои электронӣ мебошад.

Масоили иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳии электронӣ низ, яке аз самтҳои афзалиятноки пешбурди иқтисоди рақамӣ мебошад ва барои амалӣ кардани он қадамҳои нахустро Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ гузошта, сайти www.ijozat.tj ташкил намуд.

## Масъалаҳо

**Масъалаи №1.** Аҳмад барои ташкил намудани майдони савдои электронӣ сайти худро кушода, ҷиҳати бақайдгирии он ба вазорати адлия муроҷиат намуд. Вазорати адлия ба Аҳмад ҷавоб дод, ки барои қайди давлатии чунин майдони савдои электронӣ бояд ба мақомоти андози ҷойи зист муроҷиат намояд. Мақомоти андоз Аҳмадро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифтанд, аммо ҷавоб додонд, ки онҳо чунин майдонҳои савдоро ба қайд намегиранд. Амали мақомоти андозро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

**Масъалаи №2.** Аҳмад дар ташкилот дар ҳаҷми 0,5 воҳиди корӣ ҳамчун корманди шабакавӣ фаъолият мекард. Ӯ аз хонааш тавассути интернет ба шабакаи ташкилот ворид шуда, вазифаҳои кории худро иҷро мекард. Ба ташкилот ҳангоми даъвати роҳбарият ташриф меовард, аммо дигар корҳояшро аз хона тавассути интернет иҷро менамуд. Дар охири сол ба ҳама рухстаии меҳнатӣ пешниҳод намуданд, аммо ба Аҳмад банобар сабаби корманди фосилавӣ буданаш рухсатӣ пешинҳод нашуд. Сардори шуъбаи кадрҳо асос пеш овард, ки Аҳмад ба рухсатӣ ниёз надорад, зеро бе ин ҳам ӯ соли дароз дар хонааш мебошад. Амалҳои Аҳмад ва сардори шуъбаи кадрҳоро баҳои ҳуқуқӣ диҳед.

## Тестҳо

### №1. Иқтисоди рақамӣ аз иқтисоди муқаррарӣ чӣ фарқ дорад?

А) Бахшҳои гуногуни иқтисодиёт тавассути технологияҳои рақамӣ амалӣ карда мешавад;

Б) Фарқият нест;

В) Ин як шакли нави пешбурди иқтисодиёт аст;

Г) Кормаднон ба кори фолиславӣ гузаронида мешавад;

### №2. Кормандони фосилавӣ аз дигар кормадон бо чӣ фарқ менамоянд?

---

[13]Тартиби бо речаи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ. – Речаи дастрасӣ: https://andoz.tj/presidentRT/novosti-president-rt/rejai-elektroni.aspx (санади дастрасӣ: 21.03.2019).

А) Онҳо тавассути шабака метавонанд вазифаи меҳнатиашонро аз дилхоҳ макон ичро намоянд;

Б) Фарқ надоранд;

В) Ин гуна корманд вуҷуд надорад;

Г) Онҳо дар асоси шартномаи гражданию ҳуқуқӣ дар корхона ба кор ҷалб мешаванд;

**№3. Намудҳои майдонҳои савдои электрониро номбар намоед:**

А) Майдонҳои савдои электронии молу кор ва хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ;

Б) Майдонҳои савдои электронӣ барои фурӯши молу мулки қарздорон дар ҷараёни муфлисшавӣ;

В) Майдонҳои савдои электронӣ ҳангоми хусусигардонии моликияти давлатӣ;

Г) Майдонҳои савдои электронӣ барои харидҳои ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳое, ки дар он саҳми давлат аз 50 % зиёд аст;

Д) Ҳамаи ҷавобҳо дуруст аст;

**№4. Кадоме аз ин ҳолатҳо ба хусусиятҳои бозори электронӣ мувофиқ нест?**

А) Бозори электронӣ хусусияти фазои маҷозӣ дорад, он тавассути сайтҳо амалӣ мегардад;

Б) Бозорҳои электронӣ ба таври муқарарӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқ ба қайд гирифта намешаванд, онҳо метавонад дар заминаи як сайти муайян ба вуҷуд оянд, ки шояд соҳиби он берун аз Тоҷикистон бошад;

В) Барои ташкили бозори электронӣ ҳатман бояд аввал бозори муқаррарӣ (мисли бозори Корвон, Меҳргон ва ғайра) ташкил карда шавад, баъд сайти он кушода шавад;

**№5. Доир ба иқтисоди рақамӣ айни ҳол кадом санад қабул шдуааст?**

А) Консепсия рушди иқтисоди рақамӣ;

Б) Қонуни ҶТ "Дар бораи иқтисоди рақамӣ";

В) Кодекси иқтисоди рақамӣ;

## Саволҳои кори хаттӣ

- Бартариятҳои иқтисоди рақмиро тавсиф намоед.
- Дар бораи Консепсияи рушди иқтисоди рақамӣ маълумот диҳед.
- Майдонҳои савдои электрониро тавсиф намоед.
- Намудҳои майдонҳои савдои электрониро тавсиф намоед.

## Саволҳои худсанҷишӣ

Иқтисоди рақамӣ чист?
Иқтисоди рақамӣ кадом бартариятҳоро дорад?
Кадом санадҳо доир ба иқтисоди рақамӣ қабул шудаанд?
Самтҳои асосии рушди иқтисоди рақамиро номбар намоед?
Кормандони фосилавӣ чӣ гуна ҳуқуқ ва уҳдадорӣ доранд?

## Адабиёт


Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/node/19088

Сангинов Д. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи соҳибкорӣ. – Душанбе, 2013.

Бозори электронӣ.- Реҷаи дастрасӣ: http://mrmarker.ru/p/page.php?id=7904 (санаи муроҷиат: 09.03. 2021).

Жарова А.К., Елин В.М., Демьянец М.В. Предпринимательская деятельность в сети интернет. – М., 2014. – С. 108-123.

Феҳристи фармоишҳои электронӣ. – Реҷаи дастрасӣ: http://test.zakupki.gov.tj/tj/reestr-zakazov-v-elektronnoy-forme/

Ҳисоботи соли 2017 Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://zakupki.gov.tj/tj/about/governance/isobot/

Электронная торговая площадка . – Реҷаи дастрасӣ: https://ru.wikipedia.org/wiki/%D0%AD%D0%BB%D0%B5%D0%BA%D1%82%D1%80%D0%BE%D0%BD%D0%BD%D0%B0%D1%8F_%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B3%D0%BE%D0%B2%D0%B0%D1%8F_%D0%BF%D0%BB%D0%BE%D1%89%D0%B0%D0%B4%D0%BA%D0%B0

Лунева Е.В., Сафин З.Ф. Обязательные электронные торги в Российской Федерации: проблемы правового регулирования. – Реҷаи дастрасӣ: **http://xn----7sbbaj7auwnffhk.xn--p1ai/article/28446**

Портали амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://molikiyat.tj/index.php?page=page&id=31

Портали амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.muzoyada-kvd.tj/index.php/tj/muzoyada-va-ozmun-o/19-inshoot-oi-ajriman-ul/1263-v-v-58p5-2pm

Низомномаи тартиби фурӯши объектҳои моликияти давлатӣ дар музоядаҳо (Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30.03.2010 № 188, аз 5.12.2013 № 577).

Тартиби бо реҷаи электронӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ. – Реҷаи дастрасӣ: https://andoz.tj/presidentRT/novosti-president-rt/rejai-elektroni.aspx